ҳамду ситоиш барои Аллоҳ аст, ки найранги ӯро ба васваса табдил дод

Аз ибни Аббос (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Марде назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) омад ва гуфт: Эй Расули Худо! Яке аз мо дар худ чизеро эҳсос мекунад -бо дастонаш ишора карда-, ки хокистар шудан барояш авлотар аз он аст, ки онро ба забон биёрад. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Худованд бузург аст, Худованд бузург аст, ҳамду ситоиш барои Аллоҳ аст, ки найранги ӯро ба васваса табдил дод".

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والنسائي في الكبرى]

Марде назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) омад ва гуфт: Эй расули Худо: Яке аз мо дар дили худ чизе дорад, ки ба забон овардани он барояш бисёр сахт аст, то ҷое, ки сухтан ва хокистар шудан барояш беҳтар аз сухан гуфтан дар мавриди он аст. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ду бор такбир гуфтанд ва шукри Худовандро ба ҷой оварданд, ки Худованд найранги шайтонро ба васваса табдил дод.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65012